УДК: 656.13 DOI: 10.65599/LMAC9292

# ОМИЛҲОИ САР ЗАДАНИ СӮХТОР ДАР БИНОҲОИ ИСТИҚОМАТӢ ВА МАЪМӮРӢ

[1]Д.С. Азимов, [2]С.Р. Раҳматшозода
[1]Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ
[2]Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур сабабҳои асосии сар задани сӯхтор ва омилҳое, ки ба паҳншавии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Маводди мазкур ҳолатҳои воқеӣ, таҷриба ва меъёрҳои амалкунандаи бехатарии электикиро дар бар мегирад.

***Калидвожаҳо:*** *Сӯхтор, бумак, душоха, бехатарии электрикӣ, ноқил, расиши кӯтоҳ.*

# ФАКТОРЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ПОЖАРОВ В ЖИЛЫХ И АДМИНИСТРАТИВНЫХ ЗДАНИЯХ

Д.С. Азимов, С. Рахматшозода

В данной статье проведён анализ основных причин возникновения пожаров и факторов, способствующих их распространению в условиях Республики Таджикистан. Представленные материалы охватывают реальные случаи, практический опыт, а также действующие нормы электрической безопасности.

***Ключевые слова:*** *пожар, розетка, вилка, электрическая безопасность, проводник, короткое замыкание.*

# FACTORS OF FIRE BREAKOUT IN RESIDENTIAL AND ADMINISTRATIVE BUILDINGS

D.S. Azimov, S. Rahmatshozoda

This article analyzes the main causes of fire outbreaks and the factors that contribute to their spread under the conditions of the Republic of Tajikistan. The presented materials include real case studies, practical experience, as well as current electrical safety standards.

***Keywords:*** *fire, socket, plug, electrical safety, conductor, short circuit.*

## Сарсухан

Сӯхтор ҳамчун ҳолати идоранашавандаи сар задани оташ муайян мешавад, ки боиси хисороти молӣ, талафоти эҳтимолии ҷонӣ ва таҳдид ба саломатии инсон, ҳайвонот ва муҳити зист мегардад. Сӯхтор ҷараёни сӯзиши беназорат буда, дар натиҷаи он ашёи қиматбаҳо ва сохторҳои муҳандисӣ нобуд мешаванд. Оташ ва таъсири он аз давраҳои қадим то имрӯз ҳамчун унсури хатарноки табиӣ шинохта шудааст. Мардум аз аввали тамаддун талош доштанд, ки таъсири вайронкунандаи онро кам намуда, барои муҳофизати манзил ва маҳалли зист чораҳои амалӣ андешанд. Бо рушди шаҳру маҳалҳо ва афзоиши зичии аҳолӣ хатари паҳншавии сӯхтор беш аз пеш афзудааст.

Дар Тоҷикистон низ сӯхторҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ ҳолатҳои зиёновари худро нишон додаанд. Шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Данғара ва Кӯлоб дар давраҳои гуногун аз қувваи харобиовари оташ осеб дидаанд. Қувваи харобиовари оташ инчунин дар адабиёт ва санъати ҷаҳонӣ инъикос ёфтааст [1]. Шоирону нависандагон — аз Рӯдакӣ,то Диккенс ва Данте аз Фирдавсӣ то Толстой — дар осори худ оташро ҳамчун рамзи хатар, фоҷиа ва нобудӣ тасвир намудаанд. Дар санъати тасвирӣ низ рассомони маъруф, аз ҷумла Брюллов, Рафаэл, Леонардо да Винчи, Гойя, Репин ва Микеланджело, қудрати харобии оташро ба таври равшан инъикос кардаанд.

Дар шароити муосир, аксари сӯхторҳо дар Тоҷикистон дар бозорҳо ва хонаҳои истиқоматӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Дар шароити муосир, аксари сӯхторҳо дар Тоҷикистон дар бозорҳо ва хонаҳои истиқоматӣ ба қайд гирифта мешаванд. Сабабҳои сӯхтор гуногунанд, вале дар бисёр ҳолатҳо мақомот сабаби асосиро расиши кӯтоҳи ноқилҳо медонанд [2], ки ин аз риоя нашудани қоидаҳои одии истифодаи асбобҳои барқӣ ва нописандии муносибат бо ҷараёни электрикӣ шаҳодат медиҳад.

Сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани сӯхтор дар биноҳои истиқоматӣ, марказҳои савдо ва иншооти маъмурӣ, ки маншаи онҳо ба вайроншавӣ ё нодуруст истифода бурдани системаҳои таъминоти барқӣ вобаста мебошад, ба гурӯҳи омилҳои зерин тақсим мешаванд [2]:

1) аз бори электрикии ноқил дида зиёд пайваст кардани асбобҳои барқӣ;
2) пайвасти нодуруси ноқилҳои ҷараёндор;
3) расиши кӯтоҳ [3];
4) номувофиқии душохаҳо (Вилка) ба бумакҳо (Розетка);
5) риоя нагардидани меъёрҳои СП 256.1325800.2016 ҳангоми насби таҷҳизоти электрикӣ;
6) шидати тағийрёбанда дар ноқилҳо.

1. Тавре ки меъёрҳои насби ноқилҳои электрикӣ нишон медиҳанд [4], барои ҳар як таҷҳизот бояд ноқили бо тавоноии мувофиқ истифода шавад. Дар акси ҳол, гармшавии аз ҳад зиёд ва ҳатто сарзадани сӯхтор мегардад.

2. Ҳангоми бунёди хонаҳои нав, таъмири хонаҳои кӯҳна ва дар умум нокилкаши дар дилхоҳ биноҳо на ҳамавақт мутахассисони соҳа ин корро анҷом медиҳанд. Дар ҳолати надонистани қоидаҳои насб ё худсарона насби ноқилҳо, метавонад сабаби расиши кӯтоҳ ва гаршавии ноқилҳо мегардад, ки ин сабабгори оташгирии қисми ҳимоявии ноқилҳо мегардад [5].

3. Расиши кӯтоҳ дар ноқилҳо ва бумакҳо аслан аз беаҳмияти ва саривақт иваз накардани таҷҳизоти электрикӣ ба миён меояд, ки бештар вақт дар бозорҳо, биноҳои маъмурӣ ва тарбхонаҳо сабаби ба амал омадани сӯхторҳои калон мегардад.

4. Баъд аз соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон равобит ва тиҷорат бо давлатҳои хориҷии дуру наздик хуб гашт. Ин сабаб шуд, ки мисли дагар молу маҳсулот, лавозимот ва асбобҳои гуногуни электрикӣ аз давлатҳои гуногун вориди Тоҷикистон гардад.

Дар ҷаҳон стандарти ягонаи бумакҳо ва душохаҳо вуҷуд надорад ва кишварҳо аз 12 навъи гуногуни бумакҳо истифода мебаранд (Расми 1). Ин вазъ боиси номувофиқии таҷҳизот, ивазкунии худсаронаи бумакҳо ва паст шудани сатҳи бехатарии электрикӣ мегардад. Номувофиқии стандартҳо ва риоя нашудани тавсияҳо омили ҷиддии сарзадани сӯхтор ба ҳисоб меравад.



*Расми 1 - Намуди бумакҳое, ки дар кишварҳои гуногун истифода мешаванд*

Нодуруст интихоб намудани душоха нисбат ба бумаки барқӣ, инчунин кӯшиши худсарона иваз ё таъмир кардани он бе риояи талаботи бехатарии электрикӣ, дар нуқтаҳои тамос аксар вақт ба пайдоиши муқовимати баланд ва гармшавии зиёдатӣ оварда мерасонад. Дар натиҷаи чунин гармшавӣ, ҷараёнҳои кӯтоҳ, обшавии қабати муҳофизати ноқилҳо ва ҳатто оташгирии қисмҳои сӯзандаи онҳо ба амал меоянд (Расми 2).




*Расми 2 - Оқибатҳои нодуруст истифода бурдани душоха ва вайроншавии тамосҳои электрикӣ*

5. Чи тавре ки натиҷаҳои таҳлилҳо нишон доданд, на ҳамаи шаҳрвандон ҷойи насб ва андозаҳои ҷойгиркунии бумакҳоро ҳангоми насб риоя менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду қоидаҳои меъёри бештар истифода мешавад:

- Қоида ва меъёрҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ё Русия;
- Қоида ва меъёрҳои Аврупо.

Қоида ва меъёрҳое, ки барои насби бумакҳо дар собиқ давлати шуравӣ ва Русияи имрӯза истифода мешаванд, аслан аз руйи ГОСТ 8594-80 ва СП 256.1325800.2016 амал мекунанд, ки дар қисми 15.36 СП 256.1325800.2016 омадааст:

- бумакҳо ва калид дар ҳуҷраҳои муассисаҳои томактабӣ, инчунин мактабҳо, тибқи стандарт дар баландии 1,8 м аз фарш насб карда шаванд.
- дар муассисаҳои хуроки умумӣ ва марказҳои савдо бумакҳо бояд чун қоида дар баландии 1,3 метр аз фарши ҳуҷра гузошта шаванд.
- дар биноҳои ҷамъиятӣ ва дигар биноҳо бошад баландии бумакҳо вобаста ба таъйиноти бино, тарҳи дохилӣ ва инчунин мувофиқ ба дастгоҳҳои истифодашаванда ҷойгир карда мешаванд, ки баландиашон аз фарши ҳуҷра дар баландии то 1 м бошад.

Дар қоида ва меъёрҳои Аврупо бошад бумак барои ҳуҷраҳои одӣ дар баландии то 30 см аз фарш ва 50 см аз кунҷ насб карда мешаванд. Ҷойгиркунии душохаҳо бошанд бояд дар даромагоҳи ҳуҷра аз тарафи рост дар масофаи то 1 метр ва дар баландии 80-90 см аз фарш насб карда шаванд.

6. Аксар вақт сӯхтор дар биноҳои дорои ноқилҳои фарсуда, ки муддати дароз аз таъмири асосӣ нагузаштаанд, ба амал меояд. Таҷҳизоти нодурусти барқӣ низ сабабҳои маъмули сӯхтор мебошанд, хусусан агар дар бино зуд-зуд шиддати барқ тағийр ёбад.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузоришҳои худ низ сабаби сар садани сӯхторро дар расиши кӯтоҳ ва сарбории аз ҳад зиёди ноқилҳо меҳисобад, ки аксар вақт ин ҳалат дар бозорҳо ва маҳалҳои сераҳоли мушоҳида мешавад.

## Муҳокима ва хулоса

Таҳлили маводди пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки сабабҳои сар задани сӯхтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти комплексӣ доранд ва бештар аз омилҳои техникию технологӣ, меъёрӣ ва инсонӣ сар мезананд. Дар аксари ҳолатҳо нарасидани дониши кофӣ дар бораи қоидаҳои истифодаи таҷҳизоти барқӣ, риоя нашудани стандартҳои электробехатарӣ, нодуруст насб гардидани ноқилҳо, истифодаи таҷҳизоти номувофиқ ба меъёрҳо ва фарсуда будани системаҳои барқии биноҳо омилҳои асосии ба вуҷуд омадани сӯхтор ба ҳисоб мераванд.

Мавҷудияти стандартҳои гуногуни душохаҳо ва истифодаи таҷҳизоти воридотӣ бе риояи меъёрҳои ягона ба суръати зиёдшавии хавфи сӯхтор мусоидат мекунад. Истифодаи асбобҳои барқии худсохт, сарбории аз ҳад зиёд дар ноқилҳо, беаҳмиятии истифодабарандагон ва набудани назорати сариваќтии техникӣ ба вазъи мазкур таъсири манфӣ мерасонанд.

Бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, андешидани тадбирҳои амалӣ — аз ҷумла, стандартсозии таҷҳизоти электрикӣ, риояи ҳатмии меъёрҳои СП ва ГОСТ, баланд бардоштани сатҳи дониши аҳолӣ дар бораи қоидаҳои бехатарии барқӣ, таъмини назорати мунтазам аз ҷониби мутахассисон ва иваз намудани ноқилҳои фарсуда — метавонад ба таври назаррас хатари сӯхторро дар кишвар коҳиш диҳад. Таъмини амнияти сӯхторӣ бояд ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи техникӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ гардад, зеро ҳифзи ҳаёт ва моликият аз риояи дақиқи ин меъёрҳо вобаста мебошад.

*Муқарриз: Бобоев Ҳ.Б. — н.и.т., и.в., дотсенти кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ*

## Адабиёт


1. Акрамов, Ф.Ҳ. Инъикоси воқеияти таърихӣ дар романи “Оташ дар хонаи қадим”-и Мирзо Насриддин / Ф.Ҳ. Акрамов // Вестник института языков. 2022. № 4 (48). С. 149-156.
2. Алешков, М.В. Пожары различных видов электроустановок и способы их тушения /М.В. Алешков, Д.А. Иощенко, И.А. Ольховский // Пожаровзрывобезопасность. - 2020. - Т. 29. - № 5. - С. 51-59.
3. Сомонаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон https://khf.tj/node/920
4. Монаков, В.К. Принцип работы устройства защиты электроустановок от дуговых замыканий / В.К. Монаков, Д.Ю. Кудрявцев, А.А. Козырев // Электро. Электротехника, электроэнергетика, электротехническая промышленность. 2014. № 1. С. 28-30.
5. Немецкова, Е.Ю. Оценка риска при проектировании сооружений /Е.Ю. Немецкова // Сборник студенческих научных работ, посвященный 60-летию образования ВолгГАСУ. Волгоград, 2012. С. 250-256.
6. СП 256.1325800.2016 «Электроустановки жилых и общественных зданий. Правила проектирования и монтажа»
7. ГОСТ 8594-80 Коробки для установки выключателей и штепсельных розеток при скрытой электропроводке.


## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ-INFORMATION ABOUT AUTHORS


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Азимов Додарбек Садриддинович | Азимов Додарбек Садриддинович | Azimov Dodarbek Sadriddinovich |
| н.и.т. ассистент | к.т.н. ассистент | candidate of technical sciences, assistant |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |
| E-mail: bek_azimov91@mail.ru | | |
| TJ | RU | EN |
| Раҳматшозода Сангинмурод Раҳматшо | Рахматшозода Сангинмурод Рахматшо | Rakhmatshozoda Sanginmurod Rakhmatsho |
| Майори милитсия, сардори кафедраи бехатарӣ аз сӯхтор | Майор полиции, начальник отдела пожарной безопасности | Police Major, Head of Fire Safety Department |
| Академияи ВКД | Академия МВД | Academy of the Ministry of Internal Affairs |
| E- mail: rahmar-shoh86@gmail.com | | |